# аз 28.03.2022, №11-ф

Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

070.030.010.

Мутобиқи қисми 15 моддаи 269 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2012, №7-ф «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо”, ки бо Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 марти соли 2013, №3-12а/13 мувофиқа шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 апрели соли 2013, № 707 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Бо фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» _03_ соли 2022, № 11-Ф
тасдиқ шудааст

# Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минбаъд-Дастурамал) тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ) ва аксизҳоро муайян мекунад.

2. Шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ) бақайдгирифташуда ва ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият шомилнашуда, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, дар санаи анҷом додани амалиёти андозбандишаванда уҳдадор аст ба гиранда (харидор)-и мол, кор ё хизматрасонӣ ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳоро пешниҳод намояд, агар дар бандҳои 12, 14, 15, 16 ва 17 Дастурамал тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Эзоҳ: Андозсупорандагони бемасъулият тибқи муқаррароти қисмҳои 4 ва 5 моддаи 34 Кодекси андоз аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, дар сомонаи электронии он ва хуҷраи шахсии андозсупоранда ҷойгир карда мешаванд. Номи андозсупорандаи бемасъулият пас аз ислоҳи қонунвайронкунӣ ва (ё) пешниҳод шудани далелҳои асоснок аз ин рӯйхат хориҷ карда мешавад ва андозсупорандаи мазкур имконияти пешниҳод намудани ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳоро пайдо менамояд.

Мисоли 1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (минбаъд-ҶДММ) "А" супорандаи ААИ 11 январ ба ҶДММ "Б" супорандаи ААИ хизматрасониро анҷом медиҳад. Дар чунин сурат ҶДММ "А" уҳдадор аст ҳисобнома-фактураи ААИ-ро ба ҶДММ "Б" пешниҳод намояд.

Мисоли 2. ҶДММ "Т" супорандаи ААИ 20 феврал ба ҶДММ "Б" (харидор) супорандаи ААИ молро бо назардошти ААИ ба маблағи 230,0 ҳазор сомонӣ мефурӯшад. Вобаста ба амалиёти мазкур ҶДММ "Т" ба ҶДММ "Б" ҳисобнома-фактураи ААИ-ро пешниҳод намекунад. Дар чунин сурат тибқи талаботи моддаи 266 Кодекси андоз ҳангоми муайян намудани пардохти ААИ ба буҷет ҶДММ "Б" ҳуқуқ надорад, ки ААИ-и ба ҶДММ "А" пардохтнамудаашро ба ҳисоб гирад, зеро аз рӯйи амалиёти андозбандишаванда ба харидор ҳисобнома-фактураи ААИ пешниҳод карда нашудааст.

3. Ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо ҳуҷҷатест, ки бо мақсади ба ҳисоб гирифтани ААИ таҳия гардида, маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номи ҳуқуқӣ ва ё фирмавӣ ва суроғаи андозсупоранда ва харидор (фармоишгар);
- рақами мушаххаси андозсупоранда ва харидор (фармоишгар);
- рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда ва харидор (фармоишгар);
- рақами шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ оид ба ААИ андозсупоранда (таҳвилкунанда) ва санаи бақайдгирии он;
- номгӯи молҳои таҳвилшуда, ҳамлунақлшуда, интиқолшуда ва иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо;
- амалиёти пешпардохтшуда;
- маблағи амалиёти андозбандишаванда;
- маблағи андози аксиз аз молҳо ва хизматрасониҳои зераксизӣ;
- маблағи ААИ;
- санаи пешниҳод (додан)-и ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо;
- рақами тартибии ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо.

## 2. МУҚАРРАРОТИ МАХСУС БАРОИ ИСТИФОДАИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАҲОИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

4. Ҳисобнома-фактураи ААИ, ки дар шакли электронӣ тартиб дода мешавад, ба супорандаи ААИ танҳо дар шакли электронӣ ва ба шахсони дигар, ки супорандаи ААИ намебошанд, нусхаи чопии он ва ё дар шакли электронӣ ба ҳуҷраи шахсии чунин андозсупоранда ирсол карда мешавад.

5. Нусхаҳои чопии ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо аз ҷониби шахсоне, ки ба сифати супорандаи ААИ ба қайд гирифта шудаанд, мутобиқи муқаррароти Кодекси андоз барои баҳисобгирии маблағи ААИ ба эъломияи андоз замима карда мешаванд.

6. Ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо дар шакли электронӣ тартиб дода шуда, дар реҷаи мустақим (онлайн) ба харидор дастрас гардида, дар махзани электронии маълумоти мақомоти андоз то ба анҷом расидан муҳлати даъво нигоҳ дошта мешаванд. Ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо тавассути барномаи иттилоотӣ дар феҳрист дар шакли электронӣ ба қайд гирифта мешаванд.

7. Ҳисобнома-фактураи электронӣ  ҳуҷҷате мебошад, ки бо истифода аз шабакаи электронӣ бо ё бе имзои электронӣ дода шуда, тавассути таҷҳизоти мубодилаи электронии маълумот пешниҳод мешавад. Ҳуҷҷати мазкур бо замимаи нусхаи электронии ҳисобнома-фактураи коғазӣ тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва ё ҳар шабакаи электронӣ, ки барои санҷиши вобастагии байни ҳисобнома-фактура ва таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) заминаи боэътимод фароҳам меорад, ирсол мегардад.

8.Ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо ва ҳисобнома-фактураи иловагӣ (тасҳеҳӣ)-и андозсупоранда дорои силсила ва рақами дахлдор буда, аз ҷониби андозсупоранда тибқи шакли дар замимаҳои 1 ва 2 Дастурамал пешбинишуда дар шакли электронӣ тартиб дода мешаванд.

9. Ҳангоми таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба субъекти соҳибкорие, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда намебошад, аз ҷониби андозсупоранда тибқи шакли дар замимаи 3 Дастурамал пешбинишуда ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои содакардашудаи муҳосибӣ дар шакли электронӣ тартиб дода мешавад.

10. Андозсупоранда уҳдадор аст на дертар аз санаи амалӣ шудани амалиёти андозбандишаванда (таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ) ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро ба харидори мол (фармоишгари корҳо, хизматрасониҳо) пешниҳод намояд. Ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо бо имзои электронии шахси ваколатдори таҳвилдиҳанда тасдиқ карда мешавад.

11. Андозсупорандагоне, ки таҳвили неруи барқ, об ва газ, хизматрасонии алоқа, хизматрасонии коммуналӣ, ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан, хизматрасонии нақлиётӣ-экспедиторӣ ва амалиёти бонкии бо ААИ андозбандишавандаро амалӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд аз рӯи ҷамбасти давраи андоз дар муҳлати муқаррарнамудаи қисми 5 моддаи 256 Кодекси андоз ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳоро тартиб диҳанд.

12. Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда дар ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо оид ба ҳар як номгӯйи молҳо (иҷрои кор, хизматрасонӣ) алоҳида нишон дода мешавад.

13. Ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо танҳо ҳангоми иҷрои амалиётҳои андозбандишаванда пешниҳод карда мешаванд. Агар таҳвили мол, иҷрои кор ва (ё) хизматрасонии аз ААИ озод бошанд, ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо пешниҳод карда намешаванд. Дар чунин ҳолат, андозсупоранда ҳисобнома-фактураи шакли муҳосибии барои пардохт пешбинишударо дар шакли электронӣ тартиб медиҳад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ “Б” дар татбиқи лоиҳа грантӣ (кумаки бебозгашт)-и Бонки Осиёии Рушд, ки бо қарори дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таҳвили мол анҷом медиҳад. Тибқи моддаҳои 251 ва 275 Кодекси андоз ва риояи тартибе, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, Ҷамъият аз пардохти ААИ озод мебошад. Бинобар ин, амалиётҳои иҷронамудаи ҶДММ “Б” аз ААИ озод буда, ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо тартиб дода намешавад.

14. Ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо барои амалиётҳои содиротӣ бо дар назардошти муқарраротi банди 3 Дастурамали мазкур маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

- сабти тасдиқкунандаи таъиноти амалиёти содиротӣ;
- мамлакат ва маҳалли таъиноти содирот;

- меъёри амалишавандаи ААИ аз рӯи амалиёти содиротӣ.

15. Дар ҳолатҳои зерин тартиб додани ҳисобнома-фактураҳо талаб карда намешавад:

- ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ барои хизматрасониҳои коммуналӣ (аз ҷумла, таҳвили неруи барқ, неруи гармӣ, об, гази табиӣ), хизматрасониҳои алоқа, таълимӣ ва тандурустӣ ба аҳолӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дастгоҳҳои назорати хазинавӣ, ва (ё) дастгоҳҳои худкори пардохтӣ, ки барои баҳисобгирии муҳосиботӣ асос мегардад;

- ҳангоми ба расмият даровардани ҳамлу нақли мусофирон тавассути билетҳои роҳкиро;

- ҳангоми таҳвили молҳое (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки аз пардохти ААИ озод мебошанд;

- ҳангоми мутобиқи муқаррароти моддаи 277 Кодекси андоз ба сифати супорандаи ААИ ба қайд гирифтани шахсони хориҷӣ.

16. Супорандаи ААИ ҳангоми фурӯши чаканаи молҳо ва иҷрои кору хизматрасониҳо ба харидори ниҳоие, ки супорандаи ААИ намебошад, бар ивази ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо, расиди ташкилоти қарзии молиявӣ ё чеки дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, худкори пардохтиро пешниҳод менамояд. Барои мақсадҳои банди мазкур фурӯши чакана ҳамчун таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё истеъмолӣ таъингардида ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи бозорӣ дониста мешавад.

17. Супорандагони ААИ, ба истиснои истифодабарандагони меъёри пасткардашуда, арзиши ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳои харидаашонро ҳамчун маблағи ААИ тибқи муқаррароти моддаи 266 Кодекси андоз ба ҳисоб мегиранд.

18. Ҳисобнома-фактураи ААИ вақте аз махзани барномаҳои компютерии системаи ҳамгироии иттилоотии андоз хориҷ карда мешавад, ки ҳангоми пур кардани он андозсупоранда ба хатоҳо роҳ додааст. Ҳисобнома-фактураҳое, ки дар онҳо хато шудааст бо пешниҳоди аризаи электронии фурӯшанда, тасдиқ намудани чунин хато аз ҷониби харидор ва баъд аз омӯзиши асоснокии он аз ҷониби мақомоти андоз бекор карда мешавад. Фурӯшанда бар ивази ҳисобнома-фактураи бекоркардашуда, ҷиҳати дуруст ба расмият даровардани амалиёти андозбандишаванда аз нав ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳоро таҳия ва пешниҳод менамояд.

19. Дар ҳолатҳои бекор гардидани амалиёт ё тағйир ёфтани шартҳои он, тағйир ёфтани арзиши амалиёти андозбандишаванда, тағйир ёфтани ҷуброни мувофиқашуда барои амалиёт бо сабаби тағйирёбии нарх ё бо ҳар сабаби дигар, пурра ё қисман баргардонидани мол ба андозсупоранда, қабул нагардидани иҷрои кор ё хизматрасонии анҷомдодашуда аз ҷониби фармоишгар, супорандаи ААИ уҳдадор аст дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз рӯйӣ амалиёти андозбандишаванда ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳои иловагӣ (тасҳеҳӣ) таҳия намояд.

20. Тасҳеҳи амалиёти андозбандишаванда дар асоси ҳисобнома-фактураи иловагӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ё ҳуҷҷатҳои дигаре, ки фаро расидани ҳолатҳои бекор гардидани амалиёт ё тағйир ёфтани шартҳои он, тағйир ёфтани арзиши амалиёти андозбандишаванда, тағйир ёфтани ҷуброни мувофиқашуда барои амалиёт бо сабаби тағйирёбии нарх ё бо ҳар сабаби дигар, пурра ё қисман баргардонидани мол ба андозсупоранда, қабул нагардидани иҷрои кор ё хизматрасонии анҷомдодашуда баъд аз анҷом додани амалиёти андозбандишаванда тасдиқ менамоянд, анҷом дода мешавад.

21. Ҳисобнома- фактураи иловагӣ, ки ҳангоми тасҳеҳи ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда тартиб дода мешавад, дар он маълумотҳои зерин сабт мешаванд:

- рақами тартибӣ ва санаи тартиб додани ҳисобнома-фактураи иловагӣ;
- рақами тартибӣ ва санаи тартиб додани ҳисобнома-фактурае, ки ба он тасҳеҳ ворид карда мешавад;
- ном, суроға, рақами ягонаи мушаххас ва рақами мушаххаси андозсупорандаи таҳвилкунанда ва қабулкунандаи мол (кор, хизматрасонӣ);
- номи мол (кор, хизматрасонӣ), воҳиди ченак, микдор (ҳаҷм) ва арзиши мол (кор, хизматрасонӣ) то ва баъди тасҳеҳ;
- маблағи фарқияти тасҳеҳшудаи амалиёти андозбандишаванда бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда;
- маблағи андоз аз арзиши иловашуда;
- андози аксизӣ барои молҳои зераксизӣ.

22. Ҳисобнома-фактураи иловагӣ (тасҳеҳӣ) аз ҷониби таҳвилкунандаи мол (кор, хизматрасонӣ) тартиб дода шуда, аз тарафи қабулкунандаи чунин мол (кор, хизматрасонӣ) тасдиқ карда мешавад.

23. Ҳангоми аз ҷониби андозсупорандагон барасмиятдарории амалиёти содиротӣ ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо тибқи шакли дар замимаи 1 Дастурамал пешбинишуда бо нишон додани маълумотҳои асосӣ ва иловагӣ дар бораи сабти тасдиққунандаи таъиноти амалиёти содиротӣ, мамлакат ва маҳалли таъиноти содирот ва меъёри истифодашавандаи ААИ барои амалиёти содирот тартиб дода мешавад.

24. Кумитаи андоз барои таҳвили мол тартиб додани ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо дар шакли электронӣ модули анбори электрониро ташкил медиҳад, ки он баҳисобгирии молҳои боқимондаро дар анбори электронӣ назорат мекунад. Андозсупоранда имконияти пешниҳоди ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳоро барои таҳвили мол танҳо дар сурати мавҷуд будани мол дар анбори электронӣ пайдо мекунад.

Замимаи 1
Ба Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

# ҲИСОБНОМА ФАКТУРАИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

1.Силсилаи ☐☐ №☐☐☐☐☐☐

1.1 Санаи навишт

| рӯз | моҳ | сол |
|---|---|---|
| | | |

1.2 Ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо №☐☐☐☐☐☐

1.3 ☐ Амалиёти дохилӣ 1.4 ☐ Амалиёти содиротӣ

Рақами тартибӣ №☐☐☐☐☐☐☐ аз ☐☐☐☐☐☐

2. Маълумоти фурӯшанда

2.1 Ном ____________________
2.1.1 Суроға ____________________

2.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

2.3 Силсила, рақами шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба ААИ ва санаи дода шудани он
Силсилаи ☐☐☐ рақами ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт ☐☐☐

3. Маълумоти харидор

3.1 Ном ____________________
3.1.1 Суроға ____________________

3.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3.3 Силсила, рақами шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи дода шудани он
Силсилаи ☐☐☐ рақами ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт ☐☐☐☐

3.4 Мамлакат ва маҳалли таъиноти содирот ____________________

3.5 Номгӯйи асъор (рамз) ____________________
3.6 Шартнома (созишнома) (рақам, сана ва мӯҳлат) ____________________

4. Молрасон (агар фурӯшанда ва ё харидор молрасон набошанд)

4.1 Номи молрасон ва РМА____________________
4.1.1 Суроға ____________________

5. Маълумот оид ба амалиётҳо

| № | Номгӯйи мол (кор, хизматрасонӣ) | Рамзи мол НМ ФИХ (ҳангоми содирот) | Кишвари истеҳсоли мол | Воҳиди ченак | Миқдор (ҳаҷм) | Нарх (тариф) барои як воҳиди ченак | Арзиши амалиёти озод | Арзиши амалиёти андозбанд йшаванда бе ААИ | Аз ҷумла маблағи аксиз | Меъёри ААИ | Маблағ и ААИ | Арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 1а | 1б | 1в | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | |

6. Роҳбар ____________ ____________ Сармуҳосиб ____________ ____________
(н.н.) (имзо) (н.н.) (имзо)

Ҷ.М.

6.2 Тасдиқ мекунам ____________ ____________ сана «___» ______соли 20___
(н.н.) (имзо)

Эзоҳ: Ҳисобнома-фактураи ААИ дар шакли электронӣ тартиб дода шуда, бо имзои электронии шахси ваколатдори таҳвилдиҳанда тасдиқ карда шуда, ба супорандаи ААИ танҳо дар шакли электронӣ ва ба шахсони дигар, ки супорандаи ААИ намебошанд, нусхаи чопии он ва ё дар шакли электронӣ ба ҳуҷраи шахсии чунин андозсупоранда ирсол карда мешавад.

Замимаи 2
Ба Дастурамал оид ба тартиби
истифодаи ҳисобнома-фактураҳои
андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

# ШАКЛИ ИЛОВАГИИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲО

**1.Силсилаи** ☐☐ № ☐☐☐☐☐☐

**1.1 Санаи навишт**

| рӯз | моҳ | сол |
|---|---|---|
| | | |

1.2 ☐ Амалиёти дохилӣ    1.3 ☐ Амалиёти содиротӣ

Рақами тартибӣ № ☐☐☐☐☐☐☐ аз ☐☐☐☐☐☐

1.4 Ҳисобнома - фактураи иловагии ААИ ва аксизҳои силсилаи ☐☐ № ☐☐☐☐☐☐ ва рақами тартибӣ № ☐☐☐☐☐☐☐ ба ҳисобнома-фактураи ААИ ва аксизҳо, силсилаи ☐☐ № ☐☐☐☐☐☐

2. Маълумот дар бораи фурӯшанда

2.1. Ном ______________________________________________

2.1.1Суроға ______________________________________________

| 2.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда | 2.3 Силсила, рақами шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи дода шудани он силсилаи ☐☐☐ № ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт ☐☐☐☐☐☐☐☐ |
|---|---|
| ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | |

3. Маълумот дар бораи харидор

3.1. Ном ______________________________________________

3.1.1 Суроға ______________________________________________

| 3.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда | 3.3 Силсила, рақами шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи дода шудани он силсилаи ☐☐☐ рақами ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт ☐☐☐☐☐☐☐☐ |
|---|---|
| ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | |

3.4 Мамлакат ва маҳалли таъиноти содирот ______________________________________________

3.5 Номгӯйи асъор (рамз) ______________________________________________

3.6 Шартнома (созишнома) ______________________________________________

4. Молрасон (агар фурӯшанда ва ё харидор молрасон набошанд)

4.1 Номи молрасон ва РМА______________________________________________

4.1.1 Суроға ______________________________________________

4. Маълумот дар бораи амалиётҳо

| № | Номгӯй и молҳо (корҳо, хизмат-расониҳо) | Нишондиҳандаҳои аз сабаби тағйирот дар арзиши мол (кор, хизматрасонӣ) | Рамз и мол НМ ФИХ | Кишвари истеҳсол и мол (ҳангоми моли хориҷӣ будан) | Воҳиди ченак | Миқдор (ҳаҷм) | Нарх (тариф) барои як воҳиди ченак | Арзиши амалиёт и озод | Арзиши амалиёт и андозбандишаванда бе ААИ | Аз ҷумла, маблағи аксиз | Меъёри ААИ | Маблағи ААИ ба харидор пешниҳод шаванда | Арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 1а | 1б | 1в | 1г | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | | А. то тағйирот | | | | | | | | | | | |
| | | Б. пас аз тағйирот | Х | Х | | | | | | | Х | | |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | В.+ зиёдшавӣ ва ё - камшавӣ | X | X | | | | | | X | | |
| 2 | | А. то тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | Б. пас аз тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | В.+ зиёдшавӣ ва ё - камшавӣ | | | | | | | | | | |
| 3 | | А. то тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | Б. пас аз тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | В.+ зиёдшавӣ ва ё - камшавӣ | | | | | | | | | | |
| 4 | | А. то тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | Б. пас аз тағйирот | | | | | | | | | | |
| | | В.+ зиёдшавӣ ва ё - камшавӣ | | | | | | | | | | |

5. Роҳбар ____________________ ______________ Сармуҳосиб _____________ ____________
(н.н.) (имзо) (н.н.)
(имзо)

Ҷ.М.

5.2 Тасдиқ мекунам ____________ _______ сана «___» _________ соли 20_ .
(н.н.) (имзо)

Эзоҳ: Ҳисобнома-фактураи ААИ дар шакли электронӣ тартиб дода шуда, бо имзои электронии шахси ваколатдори таҳвилдиҳанда тасдиқ карда шуда, ба супорандаи ААИ танҳо дар шакли электронӣ ва ба шахсони дигар, ки супорандаи ААИ намебошанд, нусхаи чопии он ва ё дар шакли электронӣ ба ҳуҷраи шахсии чунин андозсупоранда ирсол карда мешавад.

Замимаи 3
Ба Дастурамал оид ба тартиби
истифодаи ҳисобнома-фактураҳои
андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

# ШАКЛИ ИЛОВАГИИ ҲИСОБНОМА-ФАКТУРАИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА АКСИЗҲОИ СОДАКАРДАШУДАИ МУҲОСИБӢ

| | |
|---|---|
| 1. Таҳвилкунанда<br>1.1.Ном ________________________<br>1.2.Суроға ______________________<br>1.3.Рақами мушаххаси андозсупоранда<br>☐☐☐☐☐☐☐☐☐<br>1.4.Рақами ягонаи мушаххас<br>☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои шакли сода<br>1.5.№_________<br>1.6.Аз __________ |

## 2.Қисми Б. Маълумот дар бораи харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)

| | |
|---|---|
| 2.1.Ном ________________________________________________________<br>2.2.Суроға ______________________________________________________ | |
| 2.3.Рақами мушаххаси андозсупоранда<br>☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | 2.4. Рақами ягонаи мушаххас<br>☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |

3.Маълумот дар бораи амалиётҳо

| № | Таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасониҳо) | Воҳиди ченак | Миқдор (ҳаҷм) | Амалиёти озод | Амалиёти андозбандишаванда | маблағи аксиз | меъёри ААИ | маблағи ААИ | Арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

4. Роҳбар ___________________ _____________ Сармуҳосиб ________________ ___________
(н.н.) (имзо) (н.н.) (имзо)

Ҷ.М.

4.1. Тасдиқ мекунам _____________ _____________ сана «___» ______соли 20___
(н.н.) (имзо)